Параграфи чоруми боби дуюм ба ҳисоб кардани сарҳади болоии наздиккунии беҳтарини миёнаквадратии функсияҳо ба воситаи суммаҳои «гиперболикии» Фурйе аз руи системаҳои ортогоналии ихтиёрӣ бахшида шудааст. Дар ин параграф мо тадқиқотро дар ин мавзуъ идома дода, масъалаи ёфтани баҳои аниқи наздиккунии беҳтарини миёнаквадратӣ ба воситаи суммаҳои хусусии «гиперболикии» Фурйеи функсияҳои бисёртағйирёбанда аз руи системаи ортогоналии ихтиёрии бисёрченака меомӯзем.

Масъалаи мазкур қисман дар як қатор корҳои илмии В.А.Абилов ва М.К.Керимов[6], В.А.Абилов, М.В.Абилов ва М.К.Керимов[7],

[6] Абилов В.А., Керимов М.К. Точные оценки скорости сходимости "гиперболических" частных сумм двойного ряда Фурье по ортогональным многочленам. – Ж. вычисл. матем. и матем. физ., 2012, т.52, №11, с.1052–1058.

[7] Абилов В.А., Абилов М.В., Керимов М.К. Точные оценки скорости сходимости двойных рядов Фурье

В.А.Абилов, Г.А.Айгунов[8], В.А.Абилов, Ф.В.Абилов, М.К.Керимов[9] ва инчунин дар корҳои С.Б.Вакарчук ва А.Швачко[10], М.Ш.Шабозов ва М.О.Акобиршоев[11], М.О.Акобиршоев[12] ва дигарон омӯхта шудааст.

Пеш аз ҳама модули бефосилагии тартиби k-уми намуди зерин дохил карда шуда,

$$\Omega_k^2(f,\delta)=\sum_{i=0}^{\infty}\sum_{j=0}^{\infty}\left[1-(1-\delta)^{i\cdot j}\right]^{2k}c_{ij}^2(f)$$

теоремаи зерин исбот карда мешавад.

Теоремаи 2.4.1. *Бигузор $k,N\in\mathbb{N}$, $N\geq 4$, $h\in(0,1/4)$, $0<q\leq\infty$, $\varphi(t)\geq 0$ – функсияи суммиронидашавандаи дар порчаи $[0,h]$, $h\in(0,1/4)$ ба функсияи нулӣ эквивалент набуда бошад. Он гоҳ нобаробарии*

$$\sup_{f\in L_2}\frac{E_{n-1}^{(2)}(f)}{\left(\int\limits_0^h\Omega_k^q(f,t)\varphi(t)dt\right)^{1/q}}\leq\left(\int\limits_0^h\left[1-(1-t)^{2\sqrt{N}}\right]^{kq}\varphi(t)dt\right)^{-1/q} \tag{9}$$

ҷой дорад. Чунин функсияи $f_1\in L_2$ мавҷуд аст, ки барояш барои ҳар як қимати $N=4,9,16,\ldots$ нобаробарии (9) ба баробарӣ мубаддал мегардад.

Натиҷаи 2.4.1. *Барои шартҳои теоремаи 2.4.1 ҳангоми $\varphi(t):=\varphi_1(t)=2\sqrt{N}(1-t)^{2\sqrt{N}-1}$, $N=4,9,16,\ldots$ будан, баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup_{f\in L_2}\frac{E_{n-1}^{(2)}(f)_2}{\left(\int\limits_0^h\Omega_k^q(f,t)_2\varphi_1(t)dt\right)^{1/q}}=\frac{(kq+1)^{1/k}}{\left[1-(1-h)^{2\sqrt{N}}\right]^{k+1/q}}.$$

по классическим ортогональным многочленам. – Ж. вычисл. матем. и матем. физ., 2015, т.55, №7, с.1109–1117.

[8] Абилов В.А., Айгунов Г.А. Некоторые вопросы приближения функций многих переменных суммами Фурье в пространстве $L_2((a,b)^n;p(x))$.– Успехи матем. наук, 2004, т.59, №6, с.2001-2002.

[9] Абилов В.А., Абилова Ф.В., Керимов М.К. Точные оценки скорости сходимости рядов Фурье по ортогональным многочленам в пространстве $L_2((a,b);p(x))$. –Журнал вычисл. матем. и матем. физ., 2009, т.49, №6, с.966-980.

[10] Вакарчук С.Б., Швачко А. О наилучшей аппроксимации в среднем алгебраическими полиномами с весом и точные значения поперечников классов функций.– Укр. матем. журнал, 2015, т.65, №9, с.1013-1027.

[11] Шабозов М. Ш., Акобиршоев М. О. О неравенствах типа Колмогорова для периодических функций двух переменных в L_2. Чебышевский сб., 2019, т.20, №2, с.348-365

[12] Акобиршоев М. О. Среднеквадратическое приближение “углом” в пространстве $L_{2,\mu}(R^2)$ с весом Чебышева-Эрмита. Изв. вузов. Матем., 2021, т.65, №9, с.3-12

Натиҷаи 2.4.2. *Барои шартҳои теоремаи 2.4.1 ҳангоми $q = 1/k$, $k \in \mathbb{N}$, $\varphi(t) \equiv 1$, $N = 4, 9, 16, \ldots$ будан, баробарии*

$$\sup_{f \in L_2} \frac{E_{n-1}^{(2)}(f)_2}{\left(\int\limits_0^h \Omega_k^{1/k}(f,t)_2 dt\right)^k} = \left(h - \frac{1}{2\sqrt{N}+1} + \frac{1}{2\sqrt{N}+1}(1-h)^{2\sqrt{N}+1}\right)^{-k} \tag{10}$$

ҷой дорад. Аз (10) *барои ихтиёри функсияи* $f \in L_2$ *нобаробарии зеринро ҳосил мекунем:*

$$E_{n-1}^{(2)}(f)_2 \le \left(h - \frac{1}{2\sqrt{N}+1} + \frac{1}{2\sqrt{N}+1}(1-h)^{2\sqrt{N}+1}\right)^{-k} \left(\int\limits_0^h \Omega_k^{1/k}(f,t)_2 dt\right)^k.$$

Аз ин ҷо барои $h = \left(2\sqrt{N}+1\right)^{-1}$ *натиҷаи Э.В.Селимханов*[1]*, ки пештар исбот кардааст, мебарояд.*

Дар параграфи панҷуми боби 2 наздиккунии миёнаквадратии беҳтарини функсияҳои $f \in L_2$ ба воситаи суммаҳои «сферикии» Фурйе аз руи ихтиёри системаи функсияҳои ортогоналӣ ёфта шудааст.

Дар ин ҳолат модули бефосилагии тартиби k-ум намуди зеринро дорад:

$$\Omega_k^2(f,t)_2 = \sum_{i=0}^{\infty}\sum_{j=0}^{\infty}\left[1-(1-h)^{i^2+j^2}\right]^{2k} c_{ij}^2(f).$$

Натиҷаи асосии параграфи панҷуми боби дуюм теоремаи зерин мебошад.

Теоремаи 2.5.2. *Барои ҳаргуна қиматҳои* $k, N \in \mathbb{N}$, $0 < q \le \infty$, $h \in (0,1)$ *ва функсияи дар* $(0,h]$ *суммиронидашаванда* $\mu(t) \ge 0$ *баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup_{f \in L_2} \frac{E_{N-1}^{(3)}(f)}{\left(\int\limits_0^h \Omega_k^q(f,t)_2 \mu(t) dt\right)^{1/q}} = \left(\int\limits_0^h \left[1-(1-t)^{N^2}\right]^{kq} \mu(t) dt\right)^{-1/q}. \tag{11}$$

Баъзе тасдиқотҳоеро меорем, ки аз теоремаи 2.5.2 мебароянд.

Натиҷаи 2.5.2. *Ҳангоми иҷро шудани шартҳои теоремаи 2.5.2 барои* $\mu(t) := \mu_0(t) = N^2(1-t)^{N^2-1}$ *баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup_{f\in L_2}\frac{E^{(3)}_{N-1}(f)}{\left(N^2\int\limits_0^h\Omega_k^q(f,t)(1-t)^{N^2-1}dt\right)^{1/q}}=\frac{(kq+1)^{1/q}}{\left[1-(1-h)^{N^2}\right]^{k+1/q}}. \tag{12}$$

Дар ҳолати хусусӣ ҳангоми $q=1/k$, $k\in\mathbb{N}$ *будан, аз* (12) *ҳосил мекунем*

$$\sup_{f\in L_2}\frac{E^{(3)}_{N-1}(f)}{\left(N^2\int\limits_0^h\Omega_k^{1/k}(f,t)(1-t)^{N^2-1}dt\right)^{k}}=\frac{2^k}{\left[1-(1-h)^{N^2}\right]^{2k}}. \tag{13}$$

Аз баробарии (13) *дар навбати худ, мебарояд, ки*

$$\begin{gathered}\sup_{N\in\mathbb{N}}\sup_{f\in L_2}\frac{E^{(3)}_{N-1}(f)}{\left(N^2\int\limits_0^{N^{-2}}\Omega_k^{1/k}(f,t)(1-t)^{N^2-1}dt\right)^{k}}=\\ =\sup_{N\in\mathbb{N}}\frac{2^k}{\left[1-\left(1-1/N^2\right)^{N^2}\right]^{2k}}=2^k\left(1-e^{-1}\right)^{-2k}.\end{gathered} \tag{14}$$

Боби сеюми диссертатсия ба ёфтани сарҳади аниқи болоии наздиккунии беҳтарини баъзе синфи функсияҳои даврии дутағйирёбанда аз руи суммаҳои «доиравии» Фурйе, ки ба воситаи модули бефосилагии умумикардашуда дар фазои L_2 характеризонида мешаванд, бахшида шудааст. Инчунин доимиҳои аниқ дар нобаробарии намуди Ҷексон-Стечкин байни наздиккунии беҳтарин ва модули бефосилагии умумикардашуда дар фазои L_2 ёфта шудаанд. Ин масъалаҳо барои функсияҳои яктағйирёбанда дар кори[13] хеле хуб омӯхта шудаанд. Барои функсияҳои дутағйирёбанда масълаҳои айнан қариб омӯхта нашудаанд.

Дар параграфи якуми боби сеюм масъалаи ёфтани баҳои аниқи сарҳади болоии наздиккунии беҳтарини синфи функсияҳои даврии дутағйирёбанда аз руи суммаҳои «доиравии» Фурйе дар фазои $L_2(Q)$ омӯхта мешавад. Қайд мекунем, ки $L_2:=L_2(Q), Q:=\left\{0\leq x,y\leq 2\pi\right\}$ – фазои функсияҳои дутағйирёбандаи бо квадрат суммиронидашавандаи 2π-даврӣ аз руи ҳар як

[13] Керимов М.К., Селимханов Э.В. О точных оценках скорости сходимости рядов Фурье для функций одной переменной в пространстве L_2. – Ж. вычисл. матем. и матем. физ., 2016, т.56, №5, с.730–741.

тағйирёбанда бо нормаи охирноки

$$\|f\| = \left(\frac{1}{4\pi^2} \iint\limits_{(Q)} f^2(x,y)dxdy \right)^{1/2}$$

мебошад.

Бигузор функсияи $f \in L_2$ ҷудокунии формали ба қатори дученакаи комплексии Фурйе

$$f(x,y) = \sum_{k\in\mathbb{Z}_+} \sum_{l\in\mathbb{Z}_+} c_{kl}(f)e^{i(kx+ly)} \tag{15}$$

– ро дошта бошад, ки дар ин ҷо коэффисиентҳои $c_{kl}(f)$ бо баробариҳои зерин муайян карда мешаванд:

$$c_{kl}(f) = \frac{1}{4\pi^2} \iint\limits_{(Q)} f(x,y)e^{-i(kx+ly)}dxdy, \quad k,l \in \mathbb{Z}_+.$$

Ошкор аст, ки бо истифодаи айнияти Парсевал аз баробарии (15) ҳосил мекунем:

$$\|f\|^2 = \sum_{k=-\infty}^{+\infty} \sum_{l=-\infty}^{+\infty} \left|c_{k,l}(f)\right|^2 = \sum_{k=0}^{+\infty} \sum_{l=0}^{+\infty} \rho_{k,l}^2(f),$$

ки дар ин ҷо

$$\rho_{k,l}^2(f) = \left|c_{k,l}(f)\right|^2 + \left|c_{-k,l}(f)\right|^2 + \left|c_{k,-l}(f)\right|^2 + \left|c_{-k,-l}(f)\right|^2. \tag{16}$$

Барои ихтиёри $R \in \mathbb{N}$ ба воситаи

$$S_R(f;x,y) = \sum_{0\le k^2+l^2<R^2} c_{k,l}(f)e^{i(kx+ly)} \tag{17}$$

суммаҳои хусусии «доиравии» функсияи $f \in L_2$ – ро ишорат мекунем.

Агар ба воситаи $\mathscr{P}_R, R \in \mathbb{N}$ маҷмуи бисёрузваҳои комплексии намуди

$$p_R(x,y) = \sum_{0\le k^2+l^2<R^2} a_{k,l}e^{i(kx+ly)}$$

– ро ишорат кунем, он гоҳ чи хеле ки бараъло маълум аст, наздиккунии миёнаквадратии беҳтарини функсияҳои $f \in L_2$ аз руи элементҳои $p_R \in \mathscr{P}_R$ – ро суммаи хусусии «доиравии» (17) доро мешавад. Дар ин ҳолат

$$\mathscr{E}_R(f) := \inf\left\{\|f - p_R\| : p_R \in \mathscr{P}_R\right\} =$$

$$= \|f - S_R(f)\| = \left\{ \sum_{k^2+l^2 \geq R^2} \rho_{k,l}^2(f) \right\}^{1/2} \tag{18}$$

мебошад.

Бигузор $\mathcal{D} := \dfrac{\partial^2}{\partial x^2} + \dfrac{\partial^2}{\partial y^2}$ – оператори дифференсиалии Лапласи тартиби дуюм бошад. Акнун $\mathcal{D}^r := \mathcal{D}(\mathcal{D}^{r-1}), r \in \mathbb{N}, \mathcal{D}^0 := E$ муайян мекунем. Ба воситаи $L_2^{(r)}(\mathcal{D})$ синфи функсияҳои $f \in L_2$ – ро ишорат мекунем, ки ҳосилаҳои хусусии

$$\frac{\partial f}{\partial x}, \frac{\partial f}{\partial y}, \frac{\partial^2 f}{\partial x \partial y}, \cdots$$

мавҷуд буда, барояшон $\mathcal{D}^r f \in L_2$ аст, яъне $\|\mathcal{D}^r f\| < \infty$. Оператори $\mathcal{D}^r$, $r \in \mathbb{N}$ ба қатори (15) татбиқ намуда, дар асоси хаттӣ будани ин оператор ва баробарии ошкори

$$\mathcal{D}^r\left(e^{i(kx+ly)}\right) = (-1)^r (k^2 + l^2)^r e^{i(kx+ly)}$$

менависем

$$\mathcal{D}^r f(x, y) = \sum_{k=-\infty}^{+\infty} \sum_{l=-\infty}^{+\infty} c_{kl}(f) \mathcal{D}^r \left[e^{i(kx+ly)}\right] =$$

$$= (-1)^r \sum_{k=-\infty}^{+\infty} \sum_{l=-\infty}^{+\infty} (k^2 + l^2)^r c_{k,l}(f) e^{i(kx+ly)}.$$

Аз ин ҷо дар асоси баробарии Парсевал ва ифодаи (16) навишта метавонем:

$$\|\mathcal{D}^r f\|^2 = \sum_{k=-\infty}^{+\infty} \sum_{l=-\infty}^{+\infty} |c_{kl}(f)|^2 \left(k^2 + l^2\right)^{2r} = \sum_{k=0}^{+\infty} \sum_{l=0}^{+\infty} \left(k^2 + l^2\right)^{2r} \rho_{k,l}^2(f). \tag{19}$$

Аз формулҳои (18) ва (19) мебарояд, ки

$$\mathscr{E}_R(\mathcal{D}^r f) = \left\{ \sum_{k^2+l^2 \geq R^2} \left(k^2 + l^2\right)^{2r} \rho_{k,l}^2(f) \right\}^{1/2}. \tag{20}$$

Қайд мекунем, ки барои ҳаргуна $s = 0, 1, \ldots, r;\ r \in \mathbb{Z}_+$ аз (20) формулаи зерин мебарояд:

$$\mathscr{E}_R(\mathcal{D}^s f) = \left\{ \sum_{k^2+l^2 \geq R^2} \left(k^2 + l^2\right)^{2s} \rho_{k,l}^2(f) \right\}^{1/2}. \tag{21}$$

Дар асоси гузоришҳои қабулкардашуда тасдиқотҳои зерин ҷой доранд:

Теоремаи 3.1.1. *Бигузор* $m, n \in \mathbb{N}$, $r, s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$, $R \in \mathbb{R}_+$. *Он гоҳ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup_{f \in L_2^{(r)}(\mathcal{D})} \frac{\mathscr{E}_R(\mathcal{D}^s f)}{\mathscr{E}_R(\mathcal{D}^r f)} = \frac{1}{R^{2(r-s)}}. \tag{22}$$

Теоремаи 3.1.2. *Барои ихтиёри функсияи* $f \in L_2^{(r)}$ *ҳангоми* $r \in \mathbb{N}$, $s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$ *будан, нобаробарии аниқи намуди Колмогоров*

$$\mathscr{E}_R^2\big(\mathcal{D}^s f\big) \leq \Big(\mathscr{E}_R^2(f)\Big)^{1-s/r}\Big(\mathscr{E}_R^2(\mathcal{D}^r f)\Big)^{s/r} \tag{23}$$

ҷой дорад. Нобаробарии (23) *бо он маъно аниқ аст, ки чунин функсияи* $f_0 \in L_2^{(r)}$ *– ро нишон додан мумкин аст, ки барояш ба баробарӣ мубаддал мегардад.*

Бигузор акнун $W^{(r)}L_2$ – синфи функсияҳои $f \in L_2^{(r)}$ бошад, ки барояшон $\|\mathcal{D}^r f\| \leq 1$ мебошад.

Теоремаи 3.1.3. *Барои ҳамаи қиматҳои* $r, s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$ *баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup_{f \in W^{(r)}L_2} \frac{\mathscr{E}_R\big(\mathcal{D}^s f\big)}{\Big(\mathscr{E}_R(f)\Big)^{1-s/r}} = 1. \tag{24}$$

Теоремаи 3.1.4. *Бигузор* $r, s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$ *бошанд. Он гоҳ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\mathscr{E}_R^{(s)}\Big(W^{(r)}L_2\Big) = \sup\Big\{\mathscr{E}_R(\mathcal{D}^s f) : f \in W^{(r)}L_2\Big\} = \frac{1}{R^{2(r-s)}}. \tag{25}$$

Дар параграфи дуюми боби сеюм баъзе натиҷаҳое оварда шудаанд, ки ба оптимизатсияи нобаробарии намуди Ҷексон - Стечкин байни бузургии наздиккунии беҳтарини «доиравии» функсияҳои $f \in L_2$ ва қимати модули бефосилагии миёнакардашудаи бо оператори умумикардашудаи кучиш тавлидшуда вобаста мебошанд. Функсияи[14]

$$T(x, u; y, v; h) = \frac{1}{4\pi^2} \sum_{k=-\infty}^{+\infty} \sum_{l=-\infty}^{+\infty} e^{ik(x-u)} e^{il(y-v)} h^{k^2+l^2} \tag{26}$$

дида мебароем, ки $h \in (0, 1)$ буда, наздикшавии қатори дучандаи тарафи рост ба маънои наздикшавӣ дар фазои $L_2(Q \times Q)$ фаҳмида мешавад. Функсияи

[14] Абилова Ф.В., Селимханов Э.В. Точные оценки скорости сходимости рядов Фурье двух переменных и их приложения. – Ж. вычисл. матем. и матем. физ., 2018, т. 58, №10, с. 1596–1603.

(26)-ро истифода бурда, оператори $\mathscr{F}_h : L_2 \to L_2$ – ро аз руи формулаи

$$\mathscr{F}_h(f) := \mathscr{F}_h f(x,y) = \iint\limits_{(Q)} f(u,v)T(x,u;y,v;1-h)dudv \tag{27}$$

муайян мекунем, ки оператори умумикардашудаи ғеҷиш номида мешавад. Бо осони нишон додан мумкин аст, ки оператори (27) дорои хосиятҳои зерин мебошад:

1. $\mathscr{F}_h(\lambda f + \mu g) = \lambda \mathscr{F}_h(f) + \mu \mathscr{F}_h(g), \quad \lambda, \mu \in \mathbb{R}, \quad f, g \in L_2;$
2. $\|\mathscr{F}_h(f)\| \le \|f\|;$ 3. $\|\mathscr{F}_h(f) - f\| \to 0, \quad h \to 0+,$
4. $\mathscr{F}_h(e^{i(mx+ny)}) = (1-h)^{n^2+m^2} \cdot e^{i(mx+ny)}, \quad m, n \in \mathbb{Z}_+.$

Фарқҳои тартиби якум ва тартиби олиро дар намуди зерин, ба монанди ҳолати классикӣ чунин муайян мекунем:

$$\Delta_h f = \mathscr{F}_h f - f = (\mathscr{F}_h - E)f,$$

$$\Delta_h^\nu f := \Delta_h\big(\Delta_h^{\nu-1} f\big) = \big(\mathscr{F}_h - E\big)^\nu f = \sum_{j=0}^{\nu} (-1)^{\nu-j} \binom{\nu}{j} \mathscr{F}_h^j(f),$$

ки дар ин ҷо $\mathscr{F}_h^0 f = Ef = f, \quad \mathscr{F}_h^j f := \mathscr{F}_h\big(\mathscr{F}_h^{j-1} f\big), \quad j = \overline{1,\nu}; \quad \nu \in \mathbb{N}; E$ – оператори воҳидӣ дар фазои L_2 мебошад. Ба воситаи

$$\Omega_\nu(f,t) := \sup\Big\{\|\Delta_h^\nu f\| : 0 < h \le t\Big\}, \quad t \in (0,1) \tag{28}$$

модули бефосилагии умумикардашудаи функсияҳои $f \in L_2$ ишорат мекунем.

Ба монанди параграфҳои аввал намуди ошкори модули бефсилагиро муайян менамоем:

$$\Omega_\nu^2(f,t) = \sum_{k=0}^{+\infty} \sum_{l=0}^{+\infty} \big(1 - (1-t)^{k^2+l^2}\big)^\nu \rho_{kl}^2(f). \tag{29}$$

Теоремаи 3.2.1. *Барои ҳаргуна қиматҳои $\nu, R \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$ ва $h \in (0,1)$ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup_{f \in L_2^{(r)}} \frac{R^{2r} \mathscr{E}_R(f)}{\Omega_\nu\big(\mathcal{D}^r f; h\big)} = \frac{1}{\Big(1 - (1-h)^{R^2}\Big)^\nu}. \tag{30}$$

Натиҷаи 3.2.1. *Дар шартҳои теоремаи* 3.2.1 *қиматҳои* $h = 1/R^2$, $R \in \mathbb{N}$ *гузошта, меёбем:*

$$\sup_{R \in \mathbb{N}} \sup_{f \in L_2^{(r)}} \frac{R^{2r} \mathscr{E}_R(f)}{\Omega_\nu\Big(\mathcal{D}^r f, 1/R^2\Big)} = \sup_{R \in \mathbb{N}} \left(1 - \left(1 - \frac{1}{R^2}\right)^{R^2}\right)^\nu = \Big(1 - e^{-1}\Big)^\nu.$$

Дар оянда ба сифати функсияи вазнии $\mu(x)$ дар порчаи $[0,1]$ функсияи ғайриманфии суммиронидашавандаеро мебинем, ки ба функсияи нулӣ дар ин порча эквивалент набошад.

Теоремаи 3.2.2. *Бигузор $R,\nu\in\mathbb{N}$, $r\in\mathbb{Z}_+$, $1\le q\le\infty$ ва $h\in(0,1)$, $\mu(x)$ — функсияи вазнӣ дар сегменти $[0,h]$ бошад. Он гоҳ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup_{f\in L_2^{(r)}(Q)}\frac{R^{2r}\mathscr{E}_R(f)}{\left(\int\limits_0^h\Omega_\nu^q\big(\mathcal{D}^rf;t\big)\mu(t)dt\right)^{1/q}}=\left(\int\limits_0^h\Big[1-(1-t)^{R^2}\Big]^{\nu q}\mu(t)dt\right)^{-1/q}. \qquad (31)$$

Натиҷаи 3.2.2. *Барои шартҳои теоремаи 3.2.2 ҳангоми $\mu(t):=R^2(1-t)^{R^2-1}$ будан, баробарии*

$$\sup_{f\in L_2^{(r)}(Q)}\frac{R^{2(r-1/q)}\mathscr{E}_R(f)}{\left(\int\limits_0^h\Omega_\nu^q\big(\mathcal{D}^rf;t\big)(1-t)^{R^2-1}dt\right)^{1/q}}=\left\{\frac{\nu q+1}{\Big[1-(1-h)^{R^2}\Big]^{\nu q+1}}\right\}^{1/q}.$$

ҷой дорад. Дар ҳолати хусусӣ, $h=1/R^2$ гузошта, ба сарҳади болоӣ аз руи ҳамаи $R\in\mathbb{N}$ гузашта, меёбем:

$$\sup_{R\in\mathbb{N}}\sup_{f\in L_2^{(r)}(Q)}\frac{R^{2(r-1/q)}\mathscr{E}_R(f)}{\left(\int\limits_0^{1/R^2}\Omega_\nu^q\big(\mathcal{D}^rf;t\big)(1-t)^{R^2-1}dt\right)^{1/q}}=\frac{(\nu q+1)^{1/q}}{(1-e^{-1})^{\nu+1/q}}.$$

Дар параграфи сеюми боби сеюм наздиккунии якҷояи беҳтарини функсияҳои $f\in L_2^{(r)}(Q)$ ва ҳосилаҳои хусусии онҳо аз руи суммаҳои «доиравии» Фурйе ёфта шудааст.

Дар параграфи боло сарҳади аниқи болоии наздиккунии миёнаквадратии беҳтарини функсияҳои дутағйирёбандаи даврӣ аз руи суммаҳои «доиравии» Фурйе дар фазои $L_2:=L_2(Q)$ ёфта шудаанд. Дар ин ҷо натиҷаҳои ба даст овардашуда барои ҳолати наздиккунии якҷояи беҳтарини функсияҳо ва ҳосилаҳои хусусии фосилавӣ аз руи суммаҳои «доиравии» Фурйе ва ҳосилаҳои хусусии онҳо умумӣ кунонида мешаванд. Баробарии (21) ва формулаи

$$\Omega_\nu(D^r f,t)=\sum_{k=0}^{+\infty}\sum_{l=0}^{+\infty}\Big(1-(1-t)^{k^2+l^2}\Big)^\nu\big(k^2+l^2\big)^{2r}\rho_{kl}^2(f)$$

– ро истифода бурда, теоремаҳои зерин исбот карда мешаванд.

Теоремаи 3.3.1. *Барои ҳаргуна* $\nu,R\in\mathbb{N}$, $r,s\in\mathbb{Z}_+$, $r\geq s$ *ва* $h\in(0,1)$ *баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup_{\substack{f\in L_2^{(r)}\\ f\notin\mathscr{P}_{2r}}}\frac{R^{2(r-s)}\mathscr{E}_R(\mathcal{D}^s f)}{\Omega_\nu\big(\mathcal{D}^r f;h\big)}=\frac{1}{\big(1-(1-h)^{R^2}\big)^\nu}. \tag{32}$$

Теоремаи 3.3.2. *Бигузор* $R,\nu\in\mathbb{N}$, $r,s\in\mathbb{Z}_+$, $r\geq s$, $1\leq q<\infty$, $h\in(0,1)$ *ва* $\mu(x)$ *– функсияи вазнӣ дар порчаи* $[0,h]$ *бошад. Он гоҳ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup_{\substack{f\in L_2^{(r)}\\ f\notin\mathscr{P}_{2r}}}\frac{R^{2(r-s)}\mathscr{E}_R(\mathcal{D}^s f)}{\left(\int\limits_0^h\Omega_\nu^q\big(\mathcal{D}^r f;t\big)\mu(t)dt\right)^{1/q}}=\left(\int\limits_0^h\Big[1-(1-t)^{R^2}\Big]^{\nu q}\mu(t)dt\right)^{-1/q}. \tag{33}$$

Натиҷаи 3.3.1. *Барои шартҳои теоремаи 3.3.2 ҳангоми* $\mu(t):=R^2(1-t)^{R^2-1}$ *будан, баробарии*

$$\sup_{f\in L_2^{(r)}}\frac{R^{2(r-s-1/q)}\cdot\mathscr{E}_R\big(\mathcal{D}^s f\big)}{\left(\int\limits_0^h\Omega_\nu^q\big(\mathcal{D}^r f;t\big)(1-t)^{R^2-1}dt\right)^{1/q}}=\left\{\frac{\nu q+1}{\Big[1-(1-h)^{R^2}\Big]^{\nu q+1}}\right\}^{1/q}$$

ҷой дорад. Дар ҳолати хусусӣ, $h=1/R^2$ *гузошта, аз руи ҳамаи қиматҳои* $R\in\mathbb{N}$ *ба сарҳади болоӣ мегузарем, он гоҳ ҳосил мекунем:*

$$\sup_{R\in\mathbb{N}}\sup_{f\in L_2^{(r)}}\frac{R^{2(r-s-1/q)}\cdot\mathscr{E}_R\big(\mathcal{D}^s f\big)}{\left(\int\limits_0^{1/R^2}\Omega_\nu^q\big(\mathcal{D}^r f;t\big)(1-t)^{R^2-1}dt\right)^{1/q}}=\frac{(\nu q+1)^{1/q}}{\big(1-e^{-1}\big)^{\nu+1/q}}.$$

Агар дар баробарии ҳосилшуда $q=1/\nu$, $\nu\in\mathbb{N}$ *гузорем, он гоҳ*

$$\sup_{R\in\mathbb{N}}\sup_{f\in L_2^{(r)}}\frac{R^{2(r-s-\nu)}\cdot\mathscr{E}_R\big(\mathcal{D}^s f\big)}{\left(\int\limits_0^{1/R^2}\Omega_\nu^{1/\nu}\big(\mathcal{D}^r f;t\big)(1-t)^{R^2-1}dt\right)^\nu}=\frac{2^\nu}{\big(1-e^{-1}\big)^{2\nu}}$$

мешавад.

Дар теоремаи 3.1.2 исбот карда шудааст, ки барои ҳаргуна қиматҳои $r \in \mathbb{N}$, $s \in \mathbb{Z}_+,\ r \geq s$ ва ихтиёри функсияи $f \in L_2^{(r)}$ нобаробарии зерин ҷой дорад:

$$\mathscr{E}_R^2(\mathcal{D}^s f) \leq \left(\mathscr{E}_R^2(f)\right)^{1-s/r} \cdot \left(\mathscr{E}_R^2(\mathcal{D}^r f)\right)^{s/r}. \tag{34}$$

Аз ин ҷо мебароянд, ки дар баробари функсияи f ва $\mathcal{D}^r f$ ҳамаи ҳосилаҳои фосилавии $\mathcal{D}^s f$ $(s = \overline{1, r-1})$ ҳам ба фазои L_2 тааллуқ доранд. Аз ин сабаб, омӯзиши рафтори бузургии $\mathscr{E}_R(\mathcal{D}^s f)$ дар худи синфи $L_2^{(r)}$ ё ин ки дар $\mathfrak{M}^r \subseteq Ł_2^{(r)}$ бешубҳа таваҷҷӯҳи зиёд дорад. Ҳамин тариқ, ёфтани қимати аниқи бузургии

$$\mathscr{E}_R^{(s)}\left(\mathfrak{M}^{(r)}\right) := \sup\left\{\mathscr{E}_R(\mathcal{D}^s f); f \in \mathfrak{M}^{(r)}\right\} \tag{35}$$

талаб карда мешавад.

Бигузор $H \in (0,1)$, $1 \leq p < \infty,\ \nu, R \in \mathbb{N},\ \ r, s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$ ва φ – функсияи вазнӣ дар $[0, H]$ бошад. Ба воситаи $HW_{2,p}^{(r)}(\Omega_\nu; \mu)$ синфи функсияҳои $f \in L_2^{(r)}$ ишорат мекунем, ки барояшон оператори $\mathcal{D}^r f$ шарти

$$\int_0^H \Omega_\nu^p\left(\mathcal{D}^r f; t\right)\mu(t)dt \leq 1$$

– ро қаноат мекунонад.

Теоремаи 3.3.3. *Баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\mathscr{E}_R^{(s)}\left(HW_{2,p}^{(r)}(\Omega_\nu; \mu)\right) = R^{-2(r-s)}\left(\int_0^H \left[1-(1-t)^{R^2}\right]^\nu \mu(t)dt\right)^{-1/p}.$$

ХУЛОСАҲО

Натиҷаҳои асосии илмии кори диссертатсионӣ

Натиҷаҳои асосии илмии кори диссертатсионӣ чунин мебошанд:

- сарҳади болоии наздиккунии миёнаквадратии беҳтарини функсияҳои бисёртағйирёбанда ба воситаи суммаҳои «секунҷавии» Фурйе аз руи системаҳои ортогоналии ихтиёрӣ ёфта шудаанд [1-М];
- сарҳади болоии наздиккунии миёнаквадратии беҳтарини функсияҳо ба воситаи суммаҳои «гиперболикии» Фурйе аз руи системаҳои ортогоналии ихтиёрӣ ёфта шудаанд [2-М, 3-М, 7-М];
- сарҳади болоии наздиккунии миёнаквадратии беҳтарини функсияҳои $f \in L_2$ ба воситаи суммаҳои «сферикии» Фурйе аз руи системаҳои ортогоналии ихтиёрӣ ёфта шудаанд [3-М, 10-М];
- сарҳади болоии наздиккунии беҳтарини баъзе синфи функсияҳои дутағйирёбандаи даврӣ ба воситаи суммаҳои «доиравии» Фурйе дар фазои $L_2(Q)$ ёфта шудаанд [2-М, 4-М, 6-М, 7-М, 8-М];
- наздиккунии якҷояи беҳтарини функсияҳои $f \in L_2^{(r)}(Q)$ ва ҳосилаҳои хусусии онҳо аз руи суммаҳои «доиравии» Фурйе ёфта шудаанд [5-М, 9-М, 11-М, 12-М].

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Натиҷаҳои дар рисолаи диссертатсионӣ гирифташуда арзиши назариявӣ дошта, усулҳо ва натиҷаҳои дар он овардашуда метавонанд барои ёфтани сарҳади аниқи болоии наздиккунии беҳтарини полиномиалии синфи функсияҳои бисёртағйирёбанда татбиқ карда шаванд. Бобҳои диссертатсияро дар алоҳидагӣ ҳангоми хондани курсҳои махсус барои донишҷӯёни курсҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз руи ихтисоси «Математика» ва «Математикаи амалӣ» истифода бурдан мумкин аст.

ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ОИД БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

1. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

[1-М] Захурбеков А. Верхние грани наилучших среднеквадратических приближений функций многих переменных “треугольными” суммами Фурье по произвольным ортогональным системам [Текст] / А.Захурбеков // Доклады Национальной Академии наук Таджикистана. – 2021. – Т.64. – №5-6. – С. 275–282.

[2-М] Захурбеков А. Верхние грани наилучших приближений некоторых классов периодических функций двух переменных “круговыми” суммами Фурье в $L_2(Q)$ [Текст] / А.Захурбеков // Доклады Национальной Академии наук Таджикистана. – 2021. – Т.64. – №7-8. – С. 368–377.

[3-М] Захурбеков А. Верхние грани наилучших совместных приближений некоторых классов периодических функций двух переменных “круговыми” суммами Фурье в $L_2(Q)$ [Текст] / А.Захурбеков // Доклады Национальной Академии наук Таджикистана. – 2022. – Т.65. – №9-10. – С. 580–585.

[4-М] Захурбеков А. Приближение периодических функций двух переменных “круговыми” суммами Фурье в L_2 [Текст] / А.Захурбеков // Известия Национальной Академии наук Таджикистана. Отделение физ.-матем., хим., геол. и тех. наук. – 2022. – №4(189). – С. 17–25.

[5-М] Захурбеков А. Наилучшее совместное приближение некоторых классов функций двух переменных в $L_2(Q)$ [Текст] / А.Захурбеков // Доклады Национальной Академии наук Таджикистана. – 2023. – Т.66. – №3-4. – С. 156–161.

[6-М] Захурбеков А. О наилучших приближениях некоторых классов периодических функций двух переменных “круговыми” суммами Фурье [Текст] /М.Ш.Шабозов, А.Захурбеков // Известия Национальной Академии наук Таджикистана. Отделение физико-математических, химических, геологических и технических наук. – 2024. – №3(189). – С. 19–39.

2. Дар дигар нашрияҳо:

[7-М] Захурбеков А. Наилучшее приближение некоторых классов периодических функций двух переменных “круговыми” суммами Фурье в $L_2(Q)$ [Текст] / А.Захурбеков // Материалы республиканской научно-практической конференции “*Современные проблемы прикладной мате-*

матики и их роль в формировании технического мировоззрения общества", посвященной 30-летию Государственной независимости Республики Таджикистан, 30-летию образование кафедры информатики и вычислительной математики и "Двадцатилетию изучения и развития естественных, точных и математических наук"(Худжанд, 29-30 октября 2021 г.). – С. 32–35.

[8-М] Захурбеков А. О приближении периодических функций "круговыми" суммами Фурье в L_2 [Текст] / А.Захурбеков // Материалы международной конференции "*Современные проблемы теории чисел и математического анализа*"(Душанбе, 29-30 апреля 2022 г.). – С. 78–81.

[9-М] Захурбеков А. Наилучшие совместные приближения некоторых классов периодических функций двух переменных суммами Фурье [Текст] / А.Захурбеков // Материалы международной научной конференции "*Современные проблемы математического анализа и теории функций*", посвященной 70-летию академика НАН Таджикистаана М.Ш.Шабозова (Душанбе, 24-25 июня 2022 г.). – С. 68–71.

[10-М] Захурбеков А. О наилучшем приближении функций двух переменных по ортогональным системам [Текст] / А.Захурбеков // Материалы международной научно-практической конференции "*Комплексный анализ и его приложения*", посвященной "Двадцатилетию изучения и развития естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования", 75-летию Заслуженного работника Таджикистана, чл. корр. НАНТ, д.ф.-м.н., профессора И.К. Курбанова и 70-летию д.ф.-м.н., профессора Дж.С. Сафарова (Бохтар, 19 ноября 2022 г.). – С. 65–67.

[11-М] Захурбеков А. О наилучших совместных приближениях некоторых классов периодических функций двух переменных [Текст] / А.Захурбеков // Материалы международной конференции "*Современные проблемы математики*" (Душанбе, 26-27 мая 2023 г.). – С. 70–73.

[12-М] Захурбеков А. О наилучших совместных приближениях некоторых классов функций двух переменных "круговыми" суммами Фурье [Текст] / А.Захурбеков // Материалы международной научно-практической конференции "*Современные проблемы математики и её преподавания*" (Худжанд, 21-22 июня 2024 г.). – С. 39–41.

АННОТАТСИЯ

ба диссертатсияи Заҳурбеков Алишер дар мавзӯи «Масъалаҳои экстремалии наздиккунии функсияҳои бисёртағйирёбанда бо ёрии суммаҳои Фурйе аз руи системаҳои ортогоналии ихтиёрӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D060100 – Математика: 6D060101 – Таҳлили ҳақиқӣ, комплексӣ ва функсионалӣ

Вожаҳои калидӣ: *системаи ортогоналӣ, суммаҳои "секунҷавӣ", суммаҳои "гиперболӣ", суммаҳои "сферикӣ", нобаробарии намуди Ҷексон-Стечкин, фарқиятҳои охирнок, модули бефосилагии умумикардашуда.*

Мақсади кор.Мақсади асосии кори диссертатсионӣ аз ҳалли масъалаҳои экстремалӣ барои қаторҳои дукаратаи Фурйе аз руи системаҳои ортогоналии ихтиёрӣ дар синфи функсияҳои бисёртағйирёбанда, ки ба воситаи модули бефосилагӣ тавсиф дода мешаванд, иборат мебошад.

Усулҳои таҳқиқот. Дар кори диссертатсионӣ усулҳои навтарини таҳлили функсионалӣ ва усулҳои ҳалли масъалаҳои экстремалӣ истифода шудаанд.

Нововарии илмии таҳқиқот. Хамаи натиҷаҳои дар кори диссертатсионӣ овардашуда, нав мебошанд. Натиҷахои бадастовардашуда чунинанд:

- сарҳади болоии наздиккунии миёнаквадратии беҳтарини функсияҳои бисёртағйирёбанда ба воситаи суммаҳои «секунҷавии» Фурйе аз руи системаҳои ортогоналии ихтиёрӣ ёфта шудааст;
- сарҳади болоии наздиккунии миёнаквадратии беҳтарини функсияҳо ба воситаи суммаҳои «гиперболии» Фурйе аз руи системаҳои ортогоналии ихтиёрӣ ёфта шудааст;
- сарҳади болоии наздиккунии миёнаквадратии беҳтарини функсияҳои $f \in L_2$ ба воситаи суммаҳои «сферикии» Фурйе аз руи системаҳои ортогоналии ихтиёрӣ ёфта шудааст;
- сарҳади болоии наздиккунии беҳтарини баъзе синфи функсияҳои дутағйирёбандаи даврӣ ба воситаи суммаҳои «доиравии» Фурйе дар фазои $L_2(Q)$ ёфта шудааст;
- наздиккунии якҷояи беҳтарини функсияҳои $f \in L_2^{(r)}(Q)$ ва ҳосилаҳои хусусии онҳо аз руи суммаҳои «доиравии» Фурйе ёфта шудааст;
- қимати аниқи қутрҳои синфи функсияҳои гуногун ҳисоб карда шудааст.

Арзишҳои назариявӣ ва амалӣ. Рисолаи диссертатсионӣ дорои арзишҳои назариявӣ мебошад. Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва усулҳои исботи онҳоро дар дигар масъалаҳои экстремалии назарияи наздиккунии функсияҳои бисёртағирёбанда, чи дар соҳаи охирнок ва чи дар тамоми ҳамворӣ истифода бурдан мумкин аст.

АННОТАЦИЯ

диссертации Захурбекова Алишера на тему «Экстремальные задачи приближения функций многих переменных суммами Фурье по произвольным ортогональным системам», представленной на соискание учёной степени доктора философии (PhD) по специальности 6D060100 – Математика: 6D060101 – Вещественный, комплексный и функциональный анализ

Ключевые слова: *ортогональная система, "треугольные" суммы, "гиперболические" суммы, "сферические" суммы, неравенства типа Джексона-Стечкина, конечные разности, обобщённый модуль непрерывности.*

Цель работы. Основная цель диссертационной работы является в решении экстремальных задач для двойных рядов Фурье по произвольным ортогональным системам на классах функций многих переменных, характеризующихся обобщенным модулем непрерывности.

Методы исследования. В работе используются новейшие методы функционального анализа и методы решения экстремальных задач

Научная новизна. Все полученные в диссертационной работе результаты являются новыми. Получены следующие основные результаты:

- найдены верхние грани наилучших среднеквадратических приближений функций многих переменных "треугольными" суммами Фурье по произвольным ортогональным системам;
- найдены верхние грани наилучших среднеквадратических приближение функций "гиперболическими" суммами Фурье по произвольным ортогональным системам;
- найдены верхние грани наилучших среднеквадратических приближений функций $f \in L_2$ "сферическими" суммами Фурье по произвольным ортогональным системам;
- найдены верхние грани наилучших приближений некоторых классов периодических функций двух переменных "круговыми" суммами Фурье в пространстве $L_2(Q)$;
- найдено наилучшее совместное приближение функций $f \in L_2^{(r)}(Q)$ и их частных производных "круговыми" суммами Фурье;
- найдены точные значения поперечников различных классов функций.

Теоретическая и практическая ценность. Работа носит теоретический характер. Результаты диссертационной работы и методы их доказательств можно применять в других экстремальных задачах теории приближения функций многих переменных, как в конечных областях, так и во всей плоскости.

SUMMARY

of the dissertation Zahurbekov Alisher on the topic «Extreme problems of approximation of functions of many variables by Fourier sums over arbitrary orthogonal systems» submitted for the degree of Doctor of Philosophy (PhD) the degree of 6D060100 - Mathematics: 6D060101 - Real, complex and functional analysis

Key words: *orthogonal system, "triangular" sums, "hyperbolic" sums, "spherical" sums, Jackson-Stechkin inequality, finite difference, generalized module of continuity.*

The purpose of research. The main purpose of the thesis is to solve extremal problems for double Fourier series in arbitrary orthogonal systems on classes of functions of many variables characterized by a generalized modulus of continuity.

Research methods. The work uses the latest methods of functional analysis and methods for solving extremal problems

Scientific novelty. All results obtained in the dissertation work are new. The following main results were obtained:

- upper estimates for best mean square approximations of functions of several variables by "triangular" Fourier sums over arbitrary orthogonal systems were found ;
- upper estimates for best mean square approximations of functions by "hyperbolic" Fourier sums over arbitrary orthogonal systems were found ;
- upper estimates for best mean square approximations of functions $f \in L_2$ by "spherical" Fourier sums over arbitrary orthogonal systems were found;
- upper estimates for the best approximations of some classes of periodic functions of two variables by "circular" in the space $L_2(Q)$ were found;
- the best joint approximation of the functions $f \in L_2^{(r)}(Q)$ and their partial derivatives by "circular" Fourier sums was found;
- exact values of the diameters of various classes of functions were found .

Theoretical and practical value. The thesis is of theoretical nature. The results of the thesis and the methods of their proof can be applied to other extremal problems in the theory of approximation of functions of many variables, in bounded domains or in the entire plane.